# Ҷадвали мониторинги
# иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи 16-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 28 апрели соли 2016 №1С/22-2

| № | Мазмуни супоришҳои протоколӣ | Мӯҳлати иҷро | Ҷараёни иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | **Вазорати кишоварзӣ**<br><br>- лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграриро бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои дар ҷаласаи Шӯро баёнгардида мукаммал карда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд;<br><br>- якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор мониторинги иҷрои тамоми санадҳои қабулшудаи соҳаи кишоварзӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро дар ин бахш гузаронида, натиҷаҳои онро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд;<br><br>- якҷоя бо шарикони рушд оид ба бунёди сардхонаҳои муосири нигаҳдории меваю сабзавот ва корхонаҳои хурди сайёри коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва бандубасти он лоиҳаи давлатии сармоягузориро омода намуда, бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати | | - ***Вазорати кишоварзӣ*** якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо назардошти таклифу пешниҳодҳои дар ҷаласаи XVI Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ баёнгардида ва бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ лоиҳаи “Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ”-ро такмил додаанд, ки айни ҳол дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад.<br><br>- Аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ мониторинги иҷрои барномаҳои зерини бахши кишоварзӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ гузаронида шудаанд:<br><br>- Бо мақсади амалӣ намудани маҷмуи чораҳои зарурӣ барои таҳким ва рушди заминаи моддию техникии муосир барои нигоҳдории меваю сабзавот,таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифат ва баланд бардоштани иқтидори содиротии минтақаҳо ва кишвар, ба кор ҷалб намудани аҳолии деҳот аз соли 2014 “Барномаи ташкил ва барқарорсозии яхдону сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019” мавриди татбиқ қарор дорад. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҷумҳурӣ пешниҳод намояд; | | | |
| | - якҷоя бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати ҷалби тавαҷҷӯҳи соҳибкорони ватанӣ ба бунёди корхонаҳои муосири коркарди меваю сабзавот, гармхонаҳо, сардхонаҳои ҳозиразамон барои нигоҳдории меваю сабзавот ва марказҳои логистикӣ тадбирҳо андешад; | | - Бо баланд бардоштани ҳавасмандии соҳибкорон дар соҳаи кишоварзӣ, ҷалби сармоягузорони дохилию хориҷӣ, қарзҳои имтиёзноки бонкҳои дохилӣ, кӯмакҳои техникии ташкилотҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои хориҷӣ бо ташаббуси соҳибкорони ватанӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ тибқи маълумотҳои дастрасгардида дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 72 адад сардхонаю анборхонаҳои муҷаҳҳаз бо технологияҳои муосир бо иқтидори ғунҷоиши зиёда аз 24000 тонна, мавриди истифода қарор дода шудааст. Бунёд гардидани сардхонаҳо шароит фароҳам оварда истодааст, ки соҳибкорон аз хоҷагиҳои деҳқонӣ маҳсулотҳои кишоварзиро харидорӣ намуда, захираву нигоҳдорӣ намоянд ва ҷиҳати таъминоти эҳтиёҷоти аҳолӣ ба бозори истемолии кишвар ва содирот онро пешкаш намоянд. | |
| | - пешниҳоди намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушдро вобаста ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва тиҷорати аграрӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ба Ҳукумат таклифҳои мушаххас манзур намояд; | | - пешниҳоди намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд дар лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ ба инобат гирифта шудаанд, ки айни замон дар баррасии вазорату идораҳои марбута қарор доранд. Ҳамчунин ҷиҳати ҳалли масъалаҳои пешниҳоднамудаи бахши хусусӣ ва шарикони рушд, таклифу пешниҳодоти мушаххас таҳия ва тариқи ҷавоб ба Протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои август, сенябр, октябри соли 2016 ба Ҳукумати ҷҳурӣ ирсол карда шуданд. | |
| | - бо мақсади таъмини рушди устувори соҳаи чорводорӣ барои таъминнокии соҳа бо хӯрока, афзоиш додани саршумори чорвои хушзот, содда намудани расмиёти воридоти ваксина ва доруворихо, барқарор намудани чарогоҳҳо ва ҳавзҳои моҳидорӣ, афзоиши маҳсулоти соҳаи мазкур ва коҳиш додани воридот чораҳои мушаххас андешад; | | Соли ҷорӣ дар доираи маблағгузории Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво барои солҳои 2016-2020 аз ҶДММ «Суфиёни Муъминобод» ба миқдори 2000 воя ҳосили буққаҳои зотии истеҳсоли Ҷумҳурии Исломии Эрон, аз ҷумла 1250 воя зоти швитсӣ ва 750 воя зоти сиёҳ-ало харидорӣ ва ворид карда шудаст.<br>Бо мақсади хушзот намудани чорво дар миқёси ҷумҳурӣ 285 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорвои калони шохдор, аз ҷумла 92 адад дар сектори ҷамъиятӣ ва 193 адад дар сектори хусусӣ фаъолият дошта, тавассути ин нуқтаҳо 24008 сар чорвои калон сунъӣ бордор карда шуда, аз ҳисоби бордоркунии сунъӣ 17203 сар гӯсолаи хушзот гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта бордоркунии сунъӣ 1300 сар ва гирифтани насли хушзот 1035 сар зиёд аст.<br>Барои боз ҳам беҳтар намудани зоти чорво 40 сар буққаҳои зотӣ ба ноҳияҳои Темурмалик, Фархор, Восеъ, Кӯлоб, Мӯъминобод, Шурообод, Ховалинг ва Балҷувон дастрас карда шудааст, тавассути онҳо 1250 сар | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | модаговҳо ба таври табиии бордор карда шуда, аз ҳисоби онҳо 350 сар гӯсола гирифта шудааст. Нисбати ҳамин давраи соли гузашта саршумори чорвои бордоркардашуда 280 сар зиёд мебошад.<br>Ҳамзамон бо мақсади парвариши бузи маҳинпашми зоти тоҷикӣ дар ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ноҳияи Ашт 100 сар бузи серпашми зоти тоҷикӣ, аз ҷумла 10 сар такка ва 90 сар модабуз аз муассисаи давлатии хоҷагии зотпарварии ба номи Т.Эрйигитов ба ноҳияи Ишкошим интиқол дода шуд.<br>Аз ҷониби Институти масоили амнияти биологӣ ва Институти ветеринарии АИКТ дар ҳамкорӣ бо ҶДММ «Умед» истеҳсоли ваксинаҳо аз ҷумла 2 антигелментик, 2 доруи зиддимикробӣ ва 2 ваксина зидди бемории сиёҳрон (эмкар), илтиҳоби шадиди роҳи нафаси бузҳо, сенурозӣ гӯсфандон, маводҳои табобатӣ (новокаин, маҳлули физиологӣ, глюкоза, кофеин натрий бензонат ва антибиотикҳои зудтаъсир) барои коҳиш додани вобастагии бозорӣ истеъмолӣ аз молҳои воридотӣ ба роҳ монда шудааст, ки дар оянда теъдоди доруворii байторӣ бештар мегардад. | |
| | - якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таъмини истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои мавҷуда, риояи талаботи агротехникии соҳаро таъмин карда, дар асоси барномаҳои соҳавӣ афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки аз ҷумлаи роҳҳои асосии таъмини пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад, тадбирҳои заруриро амалӣ намояд. | | Соли 2016 дар майдони 325096 гектар кишти зироатҳои ғалладонагӣ, зироатҳои техникӣ 185584, картошка 22391, сабзавот 30460, полизӣ 16782 ва зироатҳои хӯроки чорво 31890 гектар гузарониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба ғайр аз кишти зироатҳои полизӣ ва зироатҳои хӯроки чорво, кишти дигар зироатҳо аз қабили зироатҳои ғалладонагӣ 894 гектар ё 100,2 фоиз, зироатҳои техникӣ 2623 гектар ё 101,4 фоиз, картошка 1172 гектар ё 105,5 фоиз ва сабзавот 2227 гектар ё 107,8 фоиз зиёд гардидааст.<br>Ба ҳолати 01.11.2016 баҳри таъмини амнияти озуқавории мамлакат аз ҳисоби ҳосили ба даст овардаашон ғалладонагиҳо 966,0 ҳазор тонна, картошка 484,4 ҳазор тонна, сабзавот 820,7 ҳазор тонна, полизӣ 439,0 ҳазор тонна, мева 153,5 ҳазор тонна, ангур 86,9 ҳазор тонна истеҳсол намуданд. | |
| 2. | **Вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия, адлия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи рушди маҳал масъалаи** ба роҳ мондани хизматрасонии машваратӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва деҳоти ҷумҳуриро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳоди мувофиқашударо манзур намоянд. | | **Вазорати кишоварзӣ** бо мақсади ба роҳ мондани машваратдиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ, тибқи харитаи роҳ ва дар доираи имкониятҳои мавҷуда якчанд мутахассисони вазорат ҷиҳати пешбурди корҳои иттилоотию-машваратии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шудаанд.<br>Ташкили Бахши иттилоотию машваратии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ ва рушди низоми устувори хизматрасониҳои машваратӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ба маблағгузорӣ ниёз дошта, ҷиҳати ҷалби лоиҳаҳо ва дарёфти сарчашмаи маблағгузорӣ тадбирҳо андешида шуда истодааст. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | **Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Бо мақсади ташкили хизматрасонии машваратӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои зерин ба инобат бояд гирифта шаванд:<br>- бинобар фарқияти шароитҳои иқлимӣ ва хусусиятҳои таркиби хок талаб карда мешавад, ки тавсияҳои машваратӣ бо дарназардошти шароити мушаххас пешниҳод карда шавад;<br>-бо сабаби номусоид будани вазъи экологӣ дар аксари минтақаҳо,ташвиқоти дониши экологӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои экологӣ ба инобат гирифта шаванд;<br>- тағйиротҳои муҳити беруна, аз ҷумла асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ, шароити бозор, ки ба тавсияҳои мушовирон таъсири худро мерасонанд, бояд ҳамеша ба инобат гирифта шавад:<br>- таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд бо уҳдаи мушовироне вогузор шавад, ки ҳалли ҳамачонибаи масъаларо бо таъсири ҳадди ақал ба муҳити зист таъмин менамоянд;<br>- истифодаи усулу воситаҳои гуногун ҳангоми кор бо категорияхои гуногуни истифодабарандагон мадди назар бояд бошад;<br>- хароҷотҳои баланди нақлиётӣ, хароҷотҳои баланди фаъолияти омузишӣ, сатҳи пасти пардохти хизматрасониҳои машваратӣ ва муҳлатҳо ба инобат гирфита шавад. | |
| 3. | **КВДҶ «Тоҷикагролизинг»** бо мақсади дастрасии хоҷагиҳо ба техника ва мошинолоти кишоварзӣ, бо истифодаи имкониятҳои мавҷуда ва ҷалби сармояи иловагӣ шабакаи марказҳои таъмини техникаи кишоварзиро дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ васеъ намояд.<br>Инчунин ба воридоти техникаи бисёрҳадафа, яъне техникае, ки дар якчанд соҳа истифода бурдан мумкин аст, диққати ҷиддӣ зоҳир намояд. | | **КВДҶ «Тоҷикагролизинг»** дар соли 2016 аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 25 адад комбайнҳои ғалладаравии тамғаҳои “Нива-Эффект”, “Палессе GS812” ва “Енисей”, 13 адад тракторҳои тамғаи МТЗ 82.1 ба маблағи 12 500 000 сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои фаъолияти хоҷагидорӣ (маблағҳои бозгашт) 98 адад техникаҳои кишоварзии гуногунтамға ва 441 адад таҷҳизот аз қабили 2 адад картошкашинонак, 36 адад катошкаканак, як адад таҷҳизоти универсалии картошка-пиёзчинак, як адад тухмипошаки дақиқ, як адад тухмипошаки механикӣ, 16 адад тойбанд, 40 адад алафдаравак, 12 адад ядак, 10 адад заҳрпошак, як адад нармкунаки 4 қатора, 2 адад дорупошаки 1600 литра, 13 адад кулухмайдакунакҳои гуногунтамға, 5 адад чуқриканак, 14 адад гандумкӯбак, 3 адад хокҳамворкунак, 98 адад испорҳои истеҳсоли Украина ва Эрон, 5 адад ҷӯяккаш, як адад махзани обии 3000 литра, 114 адад барана, 4 адад култиватор, 38 адад чизел, 16 адад решаканак, 124 адад чапар ва ғайраҳоро ба маблағи умумии 16 301 040 сомонӣ ва дар маҷмуъ ба маблағи 28 801 040 сомонӣ техника ва таҷҳизоти муосири кишоварзӣ ба ҷумҳурӣ ворид карда шуда ба хоҷагиҳои деҳқонии шаҳру ноҳияҳо дода шудааст.<br>Лозим ба ёдоварист, ки комбайнҳои ғалладаравии тамғаҳои “Нива-Эффект” ва “Палессе GS812”, ки аз рӯи сохт бисёрҳадафа мебошанд, дар баробари даравии ғалла имконияти дарав ва хӯрондани шолиро низ доро | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | мебошанд. Ин комбайнҳо дар заминҳои шолӣ, ғалладонагиҳо ва пахтаи ноҳияҳои Турсунзода ва Дӯстӣ аз санҷиш гузаронида шуда баҳои баланд гирифтанд.<br>Аз ҷониби КВД "Тоҷикагролизинг" тухмипошаки дақиқи пиёзшинонӣ ворид ва дар хоҷагии деҳқонии Мирсаид Алии Ҳамадонии ноҳияи Кӯлоб амалӣ карда шуд. Агар бо тариқи дастӣ дар як гектар 18-20 кг. тухми пиёз масраф шуда бошад, бо ин усул дар як га. то 6 кг. тухмӣ масраф карда шуда.<br>Корхона дар давраи 9 моҳи соли 2016 дархосту талаботҳои зиёда аз 184 хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳуриро барои ба даст овардани техника ва мошинолотҳо омӯхтааст, ки онҳо ба 190 адад тракторҳои бисёрҳадафаи тамғаҳои гуногуни МТЗ, 160 адад испор, 36 адад комбайнҳои ғалладарав, 30 адад тойбанд, 38 адад алафдаравак ниёз доранд. | |
| 4. | **Бонки миллӣ, Вазорати молия** дар ҳамкорӣ бо бонкҳои тиҷоратӣ масъалаи такмили низоми муосири молиявӣ ва маҳсулоти қарзиро барои рушди соҳаи кишоварзӣ, бо дарназардошти фоиз ва мӯҳлатҳои мусоид, аз ҷумла боздошти пардохти қарз дар мавсими кишту кор то ҷамъоварии ҳосил баррасӣ намоянд. | | **Бонки миллии Тоҷикистон** ҷиҳати иҷрои банди мазкур корҳои зеринро амалӣ намуда истодааст:<br>- Барои ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ тамоми шароитҳои мусоидро фароҳам оварда, муносибату талаботи санадҳои меъёрии худро чӣ барои ташкилотҳои дохилӣ ва чӣ барои ташкилотҳои хориҷӣ баробар ба роҳ мондааст.<br>- Бо мақсади беҳсозии сифати сандуқи қарзӣ ва қарзҳои ғайрифаъол (NPL) дар низоми бонкӣ ва мутобиқ намудани санадҳои меъёрии худ ба таҷрибаи байналмилалӣ як қатор чораҳо андешида истодааст, аз ҷумла:<br>- ҷиҳати татбиқи амалияи бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи Фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 23 октябри соли 2015 №217/ФФ Гурӯҳи корӣ оид ба омода намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои фаъолияти бонкии исломӣ, таъсис дода шуд ва бо назардошти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта таҳия шуда, дар баррасии воҳидҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон қарор доранд;<br>- бо мақсади мутобиқ намудани тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо ба талаботи Кумитаи базелӣ ва СБҲМ (МСФО) бо мушовири Бонки Ҷаҳонӣ лоиҳаи Дастурамали №177"Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо" дар таҳрири нав (Дастурамали №215) таҳия намуда, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30.04.2016с., №50 тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд;<br>- дар асоси тағйиру иловаҳои ба Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ" дохилшуда, тағйиру иловаҳо ба "Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ" | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.<br>Инчунин, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар ҶСП БСТ "Тоҷпромбонк", дар ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ҶСК "Агроинвестбонк" маъмуриятҳои муваққатӣ таъин ва бо қарори дахлдори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ваколатҳои маъмуриятҳои муваққатӣ дар ин бонкҳо то се моҳи дигар тамдид карда шудааст. Айни замон муҳлати ваколатҳои маъмуриятҳои муваққатӣ ба итмом расид.<br>- Бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2016 ба иқтисодиёт ба маблағи 6,5 млрд сомонӣ қарз дода шудааст, ки 55,7%-и он ба соҳибкорони истеҳсолӣ таалуқ дорад. | |
| 5. | **Палатаи савдо ва саноат, Агентии «Тоҷикстандарт», Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ, Хадамоти назорати давлатии байторӣ, Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молия, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ, Хадамоти алоқа, Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ** ҷиҳати боз ҳам соддаву осон намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар намуди тару тоза ва хушк, аз байн бурдани монеаҳо, ихтисор намудани вақт ва ҳуҷҷатҳои барои содирот зарур чораҳо андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намоянд. | | **Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон** (ПСС)<br>Соли ҷорӣ бо мақсади баромадани соҳибкорони ватанӣ ба бозорҳои ҷаҳонию минтақавӣ, ПСС ҳамоишҳои гуногун, аз ҷумла бо ширкати байналмилалии намоишгоҳии "ExpoCentralAsia", ширкати намоишгоҳии "Promotime Globel"-и Покистон, ширкати муштараки байналмилалии Тоҷикистону-Малайзия "TM-International", бо ширкати намоишгоҳии "INDO RUSSIA EXPO", бо ширкати "Eurasian Trade Events"-и Ҷумҳурии Қазоқистон, Намоишгоҳи "Молҳои содиротии музофоти Гансу", Намоишгоҳи ЭКСПО "Хитой Авруосиё", Намоишгоҳи тиҷоратӣ-саноатии Покистон таҳти унвони "Корвони савдои Покистон" бо ҷалби соҳибкорони ва сармоягузорони дохилию хориҷӣ гузаронидааст.<br>Ҳамасола аз ҷониби Палата СД-Диски "Роҳнамои тиҷорат" таҳия шуда, дар он навгониҳои қонунгузориҳо дар самти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, тиҷорат ва гумрук, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва иттилоъ оид ба Тоҷикистон ҷой карда мешаванд ва дар чорабиниҳои гуногун ба соҳибкорон ва сармоягузорони дохилию хориҷӣ тақдим карда мешаванд.<br><br>**Агентии "Тоҷикстандарт"** ҷиҳати таъмини шаффофият, бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, кам намудани вақти барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ва дар ин замина суръат бахшидан ба масъалаи ҷорисозии тартиби барасмиятдарории воридот ва содироти молҳо барои гирифтани сертификати мутобиқат ба молу маҳсулот тавассути усули "Равзанаи ягона" фаъолияти Раёсати баҳодиҳии мутобиқати Тоҷикстандарт омода ва арзиш корҳои сертификаткунонӣ, муҳлати ташхис ва барасмият-дарории онҳо кам карда шуданд. Айни замон дар озмоишгоҳи дастгоҳи марказии Агентии Тоҷикстандарт, марказҳои вилоятии Тоҷикстандарт дар Суғду Хатлон ба талаботи стандарти байналмиллалӣ ИСО/МЭК 17025:2005 мутобиқ дониста шуда онҳо 23 методҳои нави ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | ҷорӣ карда шуд.<br>Талаботи ҳуҷҷатгузорӣ барои гирифтани сертификати мутобиқат аз 7 номгӯй ба 3 номгӯй кам, тартиби баррасии ҳуҷҷатҳои содиротию воридотӣ соддаю шаффоф карда шуда, ба ҳамаи зерсохторҳои Тоҷикстандарт фиристода шудааст. Агентии Тоҷикстандарт ҳамчун мақомоти ваколатдор корҳои омӯзишӣ, фаҳмондадиҳӣ ва сертификатсионии системаи менеҷменти сифат ва ҷорӣ намудани онҳо дар истеҳсолот бо иштироки экспертҳои байналмилалӣ ва намояндагони корхонаҳои ватанӣ семинар машваратҳо гузаронида шуда, 75 нафар соҳибкорон соҳиби сертификати байналмилалӣ гардиданд.<br>Низоми назорати сифати маҳсулот дар маҷмӯъ дар 117 корхонаҳои истеҳсолӣ ва дар нуҳ моҳи соли 2016 дар 37 корхонаҳои ватанӣ ҷорӣ карда шудааст, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва берунӣ имкон медиҳад.<br>Умуман, дар заминаи воридшавии ҷумҳурӣ ба СУС Тоҷикстандарт бо мақсади таҳкими иқтидори содиротии мамлакат дар соли 2016 феҳристи корхонаҳои ватание, ки ба содироти маҳсулот машғуланд тартиб дода, корхонаҳои мазкурро бо ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ таъмин намуд.<br><br>**Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растании Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>Нисбати боз ҳам соддаву осон намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар намуди тарӯ тоза ва хушк аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ, ихтисор намудани вақт ва ҳуҷҷатҳои барои содиротӣ маводҳои тахти карантинӣ, Хадамот дар доираи қонунҳои амалкунандаи соҳа ва дигар санаду меъёрҳои таъмини карантини растанӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, ҳамаи амалиётҳои содиротӣ дар ҷойҳо, гузаргоҳи сарҳадӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда шуда, бе монеаҳои маъмурӣ дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин анҷом дода мешаванд.<br>Содироти ҳар маҷмӯъи маводи тахти карантин аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сертификати фитосанитарии намунаи байналмилалӣ, ки дар замимаи матни Конвенсияи байналмилалии карантин ва ҳифзи растанӣ дар назар дошта шудааст ва бо тартиби муқараргардида бо мӯҳр тасдиқ шудааст, сурат мегирад.<br>Дар гузаргоҳҳои сарҳадии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ дурустии барасмиятдарории сертификати фитосанитарӣ, ки дар ҷойи бор кардани маводи таҳти карантин дода шудааст, назорат карда мешавад. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | **Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>Ҷиҳати манъ намудани воридоти маҳсулоти пастсифат, пӯсти мурғ, чарбуи даруни чорво ва равғани думбаи гӯсфанди истеҳсоли давлатҳои хориҷӣ, Фармоиши Хадамоти назорати давлатии байторӣ ба Вазорати адлия пешниҳод гардид ва дар Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рамзи №800 аз 4 декабри соли 2015 ба қайд гирифта шуд.<br>Бо мақсади таъмин намудани хоҷагиҳои чорвопарварӣ, моҳипарварӣ ва паррандапарварӣ бо хӯрока ва иловаҳои хӯрока дар хизмати хоҷагидорон фабрикаи истеҳсоли хӯрока ва иловаҳои хӯрокаи ҶДММ “Байтор ТМ” воқеъ дар деҳаи Истиқлол 3, ҷамоати шаҳраки Турсунзода, ноҳияи Рудакӣ фаъолият дорад.<br>Фонди байналмилалии рушди соҳаи кишоварзӣ (IFAD) ба 32 нафар мутахассисони байтории ноҳияҳои Шӯрообод ва Мӯъминободи вилояти Хатлон мототсиклҳо, дорупошакҳо, ҷомадонҳои корӣ, термочемоданҳо дода ва 228 адад клиникаҳо сохта ва мавриди амал қарор додааст.<br>Дар доираи ҳамкорӣ бо лоиҳаи Барномаи рушди СММ ва дастгирии фаъолияти хусусии байторӣ барои безараргардонии чорвои гирифтори бемориҳои сироятӣ дар доираи лоиҳаи Барномаи “Беҳтар намудани зисту зиндагонии аҳолии деҳоти нуҳ ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо дастгирии Ҳукумати Федератсияи Россия крематория ва автомашинаи сайёри тамғаи “Ворфард” ба маблағи умумӣ 38000 доллари ИМА, мотосикли дорои таҷҳизоти сайёр барои хизматрасонӣ, дорупошак, маҷмӯъи таҷҳизотҳои байторӣ ба маблағи 11080 сомонӣ, инчунин дару тирезаҳои пластикӣ ба маблағи 35200 сомонӣ харидорӣ карда шуда, ба СМАБҲ-и шаҳри Исфараи вилояти Суғд дастрас гардидааст. Аз ҷумла микроскопи биологӣ 1 дона, нитрат-тестер 1 дона, борҷома 8 дона, хилъат 8 дона, стрелизатор 8 дона ба маблағи 5715,7 сомонӣ, ҳароратсанҷҳо 16 дона, кюветкаҳои гуногунҳаҷм, корди сумтарошӣ, фонендоскоп, троакар, анбур барои ҳалқагузорӣ дар гӯш, сӯзандоруҳо, пинсетҳо, маҷмӯи лавозимотҳои ҷарроҳӣ, қайчӣ, сӯзанқапак, катетерҳои гуногун ба миқдори 8 донагӣ ба маблағи умумӣ 5364,2 сомонӣ дастрас гардонида шудааст.<br>Барои таъмини чунин лавозимотҳо ба дигар манотиқҳои ҷумҳурӣ бо ташкилоти мазкур гуфтушунидҳо идома дорад.<br><br>**Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ**<br>Хадамот ҷиҳати боз ҳам соддаву осон намудани содироти маҳсулоти | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | кишоварзӣ дар намуди тару тоза ва хушк, аз байн бурдани монеаҳо, ихтисор намудани вақт ва ҳуҷҷатҳо барои содирот, ки дар протоколи мазкур омадааст, ҳаматарафа ҷонибдорӣ менамояд.<br><br>**Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** вобаста ба иҷрои банди 5 иттилоъ медиҳад, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» ва Конвенсияи Иттифоқи умумиҷаҳонии почта (ВПС) КВД «Почтаи Тоҷик» ба интиқоли меваи хушк тариқи муросилоти почта машғул мебошад.<br>Тибқи талаботи қарори Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растании Федератсияи Руссия аз соли 2008-ум интиқоли меваи хушк тариқи муросилоти почта манъ карда шудааст.<br>Бинобар ин, барои ҳалли масъалаи мазкур барои барқарор намудани интиқоли меваи хушк тариқи муросилоти почта як чанд маротиба ба ФГУП «Почтаи России» муроҷиат карда шуд, ки ҳалли худро наёфт.<br>Инчунин барои ҳалли масъалаи дар боло зикршуда ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол карда шуд.<br><br>**Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ**<br>Баҳри амалӣ намудани банди 5-и протоколи мазкур "ҷиҳати боз ҳам соддаву осон намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар намуди тару тоза ва хушк, аз байн бурдани монеаҳо, ихтисор намудани вақт ва ҳуҷҷатҳои барои содирот зарур", ки ба Хадамот ва зерсохторонаш дахл дорад як қатор чораҳо андешида шуданд.<br>Аз қабили, фаъолият намудани дидбонгоҳҳои санитарӣ дар маҳалҳои сарҳадӣ, фурудгоҳҳо ва истгоҳҳои роҳи оҳан, ихтисор кардани ҳуҷҷатҳои молу маҳсулот ва иҷозатдиҳӣ то ду ҳуҷҷат (Хулосаи санитарию эпидемиологӣ ва таҳлилҳои озмоишӣ), ворид гардидан ба равзанаи ягона, инчунин баҳри сарфа гардидани хароҷотҳои конселярӣ ва вақт тариқи электронӣ муроҷиатҳо қабул ва ирсол кардан ба роҳ монда шудааст. | |
| 6. | **Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ якҷоя бо Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва Вазорати кишоварзӣ** ҷиҳати гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) заминҳои корам, тадриҷан беҳтар кардани ҳолати мелиоративии онҳо, азхуд намудани заминҳои нав ва ба низоми муайян даровардани пардохти ҳаққи | | **Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>Тибқи ҳисоботи Кадастри мелиоративӣ ба ҳолати 01 январи соли 2016 миқдори заминҳои ғайриқаноатбахши обёришавандаи кишоварзӣ 45270 гектар ба қайд гирифта шудааст. Соли ҷорӣ бо мақсади боздошти раванди заминҳои ғайриқаноатбахши мелиоративӣ, беҳтар намудани вазъи мелиоративӣ ва экологии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии 7839,4 гектар замин бо маблағи умумии 9742,3 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин нокифоя мебошад. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | хизматрасонии об таклифҳои мушаххас пешниҳод намоянд. | | Соли ҷорӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 450 “Дар бораи Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” аз ҷониби Агентӣ азхудкунии 250 га заминҳои нави обёришаванда ва ба маблағи 1300 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, аз ҷумла:<br>1. Сохтмони наҳр дар минтақаи Бартанги ноҳияи Рӯшон - 20 га,<br>2. Барқарорсозии шабакаи обёрӣ дар ноҳияи Роштқалъа -30 га, •<br>3. Барқарорсозии канали Фалахон дар мавзеи ҷамоати Лангари ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ - 200 га.<br>Ба танзим даровардани пардохти маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ аз вазъи иқтисодии хоҷагиҳо вобастагӣ дорад. Маблағҳои ҷамъшудаи ҳаққи хизмати обрасонӣ мутобиқи нақшаи аз ҷониби Агентӣ таҳиякардашуда барои нигоҳдории иншоотҳои обрасон сарф карда мешаванд. Ҷамъоварӣ намудани он тавассути Ассотсиатсияи истифодабарандагони об сурат гирифта дар ин самт норасогиҳои назаррас дида мешавад.<br>Бинобар он дастгирии бевоситаи мақомотҳои иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ барои самаранок ва дар самти муайян истифода бурдани маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ зарур аст. | |
| 7. | **Вазорати молия** якҷоя бо дигар вазорату идораҳо ва бахши хусусии соҳаи кишоварзӣ лоиҳаи Дастурумал дар бораи баҳисобгирии муҳосибавӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии фермерии хурд, миёна ва калон ва зарурати ҷорӣ намудани онро бори дигар мавриди таҳлили ҳамаҷониба ва баррасӣ қарор диҳанд. | | **Вазорати молия** дар ҳамкорӣ бо Пажуҳишгоҳи илмию таҳқиқотии “Молия” оид ба тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), вобаста ба ҳар як намуди хоҷагиҳои деҳқонӣ – хурд, миёна ва калон Дастурамалҳои соҳавиро таҳия карда, бо вазорату идораҳои дахлдор, мувофиқа намуд. Лозим ба зикр аст, ки Дастурамалҳои мазкур дар асоси Қонуни қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №526 “Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)” таҳия гардида, мавриди мувофиқа қарор дода шудаанд.<br>Ҳамзамон моҳи марти соли 2016, №1289 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоқикистон “Дар бораи хоҷагиҳои деҳқониӣ (фермерӣ)” қабул гардид, ки муқаррароти он пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботҳои молиявиро оиди фаъолияти хоҷагидории хоҷагиҳои деҳқонӣ пешбинӣ менамояд.<br>Қонуни мазкур таъсиси хоҷагиҳои деҳқониро дар ду шакл:<br>- бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо шумораи аз 1 то 50 нафар ва<br>- бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ бе назардошти шумораи аъзо пешбинӣ менамояд | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 8. | **Вазорати молия якҷоя бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, асосиатсияҳои соҳибкорӣ ва бо ҷалби шарикони рушд** Гурӯҳи корӣ таъсис дода, дар заминаи таҳлили пешакӣ таҳлилҳои ҳамаҷониба ва васеи низоми андозбандиро гузаронад ва ҷиҳати такмил додани низоми андозбандӣ вобаста ба ҳар як самтҳои он тавсияҳои мушаххас пешниҳод намояд. | | Дар назди Вазорати молия аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, ассотсиатсияҳо ва бо ҷалби шарикони рушд, Гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуда, дар назар аст, ки то охири соли ҷорӣ дар заминаи таҳлили пешакӣ, таҳлилҳои ҳамаҷониба ва васеи андозбандӣ гузаронида шуда, аз натиҷааш ҷиҳати такмил додани низоми андозбандӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди мушаххас ирсол карда мешавад.<br>Инчунин хотирнишон менамоем, ки вобаста ба натиҷаи фаъолияти Гурӯҳи кории доимоамалкунандаи байниидоравии назди Вазорати молия оид ба омӯзиш, таҳлил ва такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия карда шудааст, ки он бо мактуби Вазорат аз 25 июли соли 2016, №3-2/472 ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.<br><br>**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>- Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.11.2016, №1367 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳадди ақали даромади умумии солонаи субъектҳои низоми соддакардашудаи андозбандӣ аз 500 ҳазор сомонӣ ба 1 млн. сомонӣ зиёд шуд.<br>- Бо мақсади татбиқ намудани истифодабарии мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва пайдо намудани манбаъҳои нави андозбандӣ, инчунин васеъ намудани манбаъҳои мавҷуда мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ бо таҷҳизотҳои интиқолдиҳандаи электронӣ муҷаҳҳаз карда шудааст. Тавассути таҷҳизоти мазкур маълумот оид ба ҳаҷми фурӯш тариқи алоқаи мобилӣ ба махзани маълумотҳои мақомоти андоз ворид гардида, бо таври автоматӣ коркард мешавад. Чунин тартиб имкон медиҳад, ки мақомоти андоз фаъолияти андозсупорандаро дар низоми мустақим (он-лайн) назорат намоянд.<br>- Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.11.2016, №1367 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» фондҳои инвеститсионӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилоти суғуртавӣ ва қарзӣ, ташкилоти маблағгузории хурд, ломбардҳо, истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, таҳвилкунандагони алюминийи аввалия, истеҳсолкунандагони маҳсулоти зераксизӣ, ташкилоти миёнаравӣ (дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар амалкунанда), ки низомҳои махсуси андозбандиро истифода мебаранд, ӯҳдадоранд аз санаи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур ба низоми умумии андозбандӣ гузашта, ҳамчун супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта мешаванд. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | - Бо мақсади роҳ надодан ба фаъолияти пинҳонӣ ва нишон додани даромадҳои ҳақиқӣ, мақомоти андоз дар соли 2016 дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 5645 ҳолати бидуни қайд ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеиро ошкор намуда, онҳоро расман ба қайд гирифта, бо патент ва шаҳодатномаи соҳибкорӣ таъмин намуд.<br>- Тибқи муқаррароти қисми 12 моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016” дар соли 2016 барои корхонаҳои сохтмонӣ, муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои хӯроки умумӣ меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда (ба андозаи 5 фоиз ба истиснои воридоти андозбандишаванда) муқаррар шудааст. | |
| 9. | **Кумитаи телевизион ва радио,** бо дарназардошти рақобати шадид дар бозори истеъмолӣ ва бо мақсади дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти ватанӣ таблиғоти бештари маҳсулоти ватаниро бо шартҳои имтиёзнок ба роҳ монад. | | **Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>Тавассути тамоми шабакаҳои телевизионӣ ва радиои кишвар барномаҳои гуногуни иқтисодию таҳлилӣ бо иштироки намояндагони бахши хусусӣ ва мақомоти давлатӣ таҳия ва манзур карда мешавад. Аз ҷумла, бо мақсади таблиғи моли ватанӣ дар барномаҳои телевизионии «Амал», иттилоотии «Ахбор», «Суҳбати рӯз», «Ҳадаф», «Тавозун», «Меҳвар»,«Ҷамъбасти ҳафта» “Тоҷикистон”«Навид» «Иқтисод ва ҷаҳон», «Маҷро» ва ғайра маҳсулоти корхонаҳои ҶДММ «Тоҷикмебел», «Шири Нуробод», ҶДММ «Саодат-70», ҶДММ «Моҳир семент», ҶДММ «Амон-Ш», ҶДММ «Аҷам-М», фабрикаи мурғпарварии ноҳияи Ёвон, ҶДММ “Ростои Суғд», ҶДММ «Созмон», ҶДММ «Ақиқа», ҶДММ «Мегапэт», ҶДММ «Петролиум Суғд», ҶДММ «Ноқили Талко», КВД «Навъҳои тухми сабзавоти Тоҷикистон», ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Семент», заводи «Креолит»-и ноҳияи Ёвон ва корхонаи «Ноқили Талко»-и Душанбе, ҶДММ «Файзи Расул»-и шаҳри Хуҷанд, Корхонаи муштараки Тоҷикистону Чинии заршӯии Панҷакент, Корхонаи таҷрибавӣ-механикии шаҳри Норак доир ба истеҳсоли молҳои саноатӣ, ҶДММ «Дидор»-и ноҳияи Ёвон бобати истеҳсоли бомпӯшҳои новадор, Корхонаи истеҳсоли хишти ноҳияи Рӯдакӣ, Комбинати шири Кӯлоб, Корхонаи истеҳсоли Кӯлоб баъди бозсозӣ, ҶСП householdррандапарварии «Шаҳринав»-и ноҳияи Шаҳринав, Коргоҳи «Исфисор»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба тамошобинон муаррифӣ карда шудааст.<br>Ин муаррифӣ дар баробари бозоргирии моли ватанӣ ба болоравию нуфузи кшвар дар арсаи байналмилалӣ таъсири мусбӣ мегузорад. | |
| 10. | **Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ** феҳристи | | **Вазорати рушди иқтисод ва савдо** қайд менамояд, ки тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2016 шумораи корхонаҳои дузандагӣ 112 ададро ташкил медиҳад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ аз ҷониби ин корхонаҳо дар ин давра ба 127308,6 ҳазор сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2015-ум 31,4 фоиз зиёд аст. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | корхонаҳои дӯзандагӣ ва бофандагии ҷумҳуриро тартиб дода, барои дастрасии онҳо ба грантҳои президентӣ ва дигар кӯмакҳои техникии шарикони рушд тавассути ҷалби мутахассисони ботаҷриба тадбирҳо андешанд. | | Лозим ба зикр аст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагии бачагона дар ин давара аз ҷониби корхонаҳои соҳа ба 5966,2 ҳазор сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2015-ум 7,3 фоиз афзудааст.<br>Дар соҳаи бофандагӣ бошад дар ҷумҳурӣ зиёда аз 24 корхона фаъолият дошта, дар соли 2016 аз ҷониби ин корхонаҳо ҳамагӣ 2372 ҳазор метрии мураббаъ газвор, 1487,3 ҳазор метрии мураббаъ қолин ва маҳсулоти қолинӣ, 2713,3 ҳазор ҷуфт ҷӯробу пайпоқ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта газвораҳо 73,9 фоиз кам, қолин ва маҳсулоти қолинӣ ва ҷӯробу пайпоқ мутаносибан 31,9 фоиз ва 9,3 фоиз зиёд истеҳсол карда шудааст. | |
| 11. | **Вазорати нақлиёт якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратӣ** аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд Гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт таҳлилҳои ҳамаҷониба гузаронад ва натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод намояд. | | **Вазорати нақлиёт** аз 5 сентябри соли 2016, №210 Гуруҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт бо ҷалби масъулини вазорату идораҳо, корхонаҳои зертобеи Вазорати нақлиёт, бахши хусусӣ ва шарикони рушд таъсис дода шуд.<br>Вазорат тасмим гирифтааст, ки дар нимаи аввали моҳи ноябри соли 2016 ҷаласаи нахустини Гуруҳи кориро бо ҷалби масъулини вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва шарикони рушд баргузор намояд. | |
| 12. | **Вазорату идораҳо**:<br>- барои татбиқи пурраи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар санадҳое, ки барои беҳтар шудани нишондиҳандаҳои байналмилалии мамлакат мусоидат мекунанд, тадбирҳои таъхирнопазир андешанд; | | **Бонки миллии Тоҷикистон** бо мақсади татбиқи пурраи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани мавқеи кишвар дар ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ “Пешбурди соҳибкорӣ”, инчунин иҷрои талаботҳои протоколҳои ҷаласаҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гарави молу мулки манқул” ва лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба қонунҳои марбутаи зеринро, ки бо назардошти хулосаҳои вазорату идораҳои дахлдор аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравӣ таҳия гардидааст, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ирсол намуд:<br>1. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)””.<br>2. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ””.<br>3. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро”.<br>4. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.<br>5. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - ҷиҳати ҳарчӣ зудтар ташкил намудани феҳристи электронии гарави амволи манқул тадбирҳо андешанд;<br><br>- ба ҷаласаи ояндаи Шӯро вобаста ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ гузориши муфассал пешниҳод намоянд. | | тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1)”.<br>6. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2)”.<br>7. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон”.<br>8. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.<br>Фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ барои сармоягузорони хориҷӣ яке аз ҳадафҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, то ки онҳо тавонанд бештар ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт сармоягузорӣ намоянд ва Бонки миллии Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафи мазкур чораҳои дахлдорро андешида истодааст.<br><br>**Вазорати адлия** оид ба иҷрои зербанди 2-и банди 12 – ташкил намудани феҳристи электронии гарави амволи манқул бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул» вобастагии ногусастанӣ дорад. Зеро, заминаҳои ҳуқуқии асосҳои ташкил ва пешбурди минбаъдаи Феҳристи мазкур аввалан бояд дар санади қонунгузорӣ мустаҳкам гардида, минбаъд барои татбиқи муқаррароти ҳамин Қонун санадҳои зерқонунии дахлдор мебояд қабул карда шаванд. То қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул» дар таҳрири нав ва санадҳои зерқонунии дахлдор ташкил ва пешбурди феҳристи электронии гарави амволи манқул ғайриимкон мебошад.<br>Дар ин раванд, вобаста ба иҷрои муқаррароти Протоколи номбурда аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул» дар таҳрири нав ва лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» , Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодексҳои граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1 ва 2) «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» барои мувофиқакунӣ пешниҳод гардида нисбат ба онҳо Вазорат аз 19 апрели соли 2016, таҳти №4-4-498 хулосаи ҳуқуқии худро пешниҳод намудааст. | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Алҳол, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.<br><br>**Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>Вобаста ба татбиқи пурраи Накшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба бехтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки умумичахонӣ ва дигар санадҳое. ки барои беҳтар шудани нишондиҳандаҳои байналмилалии мамлакат мусоидат мекунад, пешниҳодҳои зеринро манзур намудааст:<br>- тақвияти ҳимояи ҳуқуқи моликият, ташкили институти Ваколатдор (Омбудсмен) оид ба ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон, такмили ҳимояи судии ҳуқуқи соҳибкорон;<br>- такмили пайвастаи институтҳои дастгирикунандаи сохибкорӣ, мисли Фонди дастгирии сохибкорӣ, Агентии пешбурди сармоягузориҳо, Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва бунёди механизмҳои самараноки рушди маҳал;<br>- татбиқи паиҳами сиёсати кам кардани сарбории маъмурии пешбурди бизнес ва ташаккули низоми мушоияти маъмурии лоиҳаҳои миёнаву бузурги сармоягузории бахши хусусӣ аз рӯи принсипи «равзанаи ягона»;<br>- амалисозии сиёсати хавасмандгардонии сармоягузории мустакими хориҷӣ чун шарти муҳими рушди индустриалӣ инноватсионӣ;<br>- хамгироии долонҳои нақлиётии фаросарҳадӣ ва миллӣ, тараққӣ додани шабакаҳои телекоммуникатсионӣ;<br>- баландбардории самаранокии идоракунии комплекси сузишворӣ - энергетикӣ, таъмини устувору баробари ҳамаи субъектҳои иктисоди миллӣ ба захираҳои энергетикӣ.<br>Кумита дар доираи ваколатхои худ омода аст, ки барои рушди соҳаи соҳибкорӣ дар маҳал, ки яке аз омили муҳими рушди мамлакат мебошад, мусоидат намояд.<br><br>**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ** оид ба банди 13, зербанди 2 чунин иттилоъ медиҳад.<br>Вазорат фаъолиятро дар самти дастгирии шахсони бекор ҷиҳати инкишоф ва рушди соҳибкорӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватанбаргашта, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд» ва нишондодҳои «Барномаи | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2017» амалӣ менамояд.<br>Бо мақсади тақвият бахшидани ин самти фаъолият ва ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани чараёни истифодабарии кӯмакҳои молиявии ба шаҳрвандони бекор додашуда дар доираи лоиҳаи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат «Татбиқи стратегияи касбомӯзӣ Гурӯҳи G-20» барномаи муштарак ҷиҳати омода намудани тренерҳо аз ҳисоби кормандони мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва омӯзгорони МД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" мавриди амал қарор дода шуд.<br>Мувофиқи марҳилаи дуюми барномаи мазкур дар моҳҳои март ва апрели соли ҷорӣ 30 нафар омӯзгорони системаи таълимии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба тренинг фаро гирифта шуданд, ки минбаъд онҳо метавонанд, асосҳои пешбурди соҳибкориро ба шаҳрвандони бекор, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд, омӯзонанд.<br>Рӯзҳои 7-10 апрели соли 2016 марҳилаи сеюми тренинги омӯзишӣ дар мавзӯи «Бизнесатро оғоз намо (НСБ)» барои 30 нафар шаҳрванди бекоре, ки хоҳиши омӯзиш ва минбаъд пешбурди фаъолияти соҳибкориро доранд гузаронида шуда, феълан тавассути мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияҳои Фирдавсӣ, Сино, Шоҳмансур ва И. Сомонии шаҳри Душанбе ба онҳо барои рушди соҳибкорӣ қарзи имтиёзнок дода шуд.<br>Вазорат ҷиҳати тақвият бахшидани самти фаъолият саҳми худро гузошта, барои татбиқи босамари сиёсати иҷтимоӣ аз неруи кадрӣ ва имкониятҳои мавҷуда истифода менамояд. | |